Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-036-и назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (734019, ш. Душанбе, к. Ф. Муҳаммадиев 17/6)

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Иматова Манижа Қудратовна дар мавзуи «Таҳлили хусусиятҳои луғавӣ ва дастурии дискурси сиёсӣ аз нигоҳи тарҷума (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст.**

Масъалаҳои сиёсӣ бо ҳаёти мардум робитаи зич дорад, чунки дискурси сиёсӣ мавриди баҳси илмҳои гуногун қарор мегардад, ки дар натиҷа як самт, мафҳуми ҷудогона дар омӯзиши хусусияти дискурси сиёсӣ ба вуҷуд омадааст, ки онро ба истилоҳ «лингвистикаи сиёсӣ» ном мегиранд. Дискурси сиёсӣ яке аз объектҳои муҳими таҳқиқоти забоншиносӣ ба шумор меравад. Ин масъала бахусус дар забоншиносии тоҷик, ба таваҷҷуҳи хосаи мутахассисони соҳа ниёз дорад, ки мавзуи мавриди тақриз низ ба он равона карда шудааст.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ аз он иборат аст, ки хусусиятҳои забонии дискурси сиёсӣ дар забони тоҷикӣ ва роҳҳои тарҷумаи онҳо ба забони англисӣ ҳанӯз мавриди таҳқиқи махсус қарор нагирифтаанд. Дар ҳоли ҳозир дараҷаи фаъолнокии тамосҳои забонии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ собит гаштааст ва дар ин ҷода шубҳае нест, вале сифати тарҷумаи унсурҳои забонии дискурси сиёсӣ то ба ҳол аз madди назари касбии мутахассисони соҳа дур мондааст.

Мақсади диссертатсия таҳлили муқоисавии хусусиятҳои луғавӣ ва дастурии дискурси сиёсӣ ва таҳқиқи натиҷамандии усулҳои тарҷумаи онҳо аз забони тоҷикӣ ба забони англисӣ мебошад.

Сарчашмаи мисолҳои таҳқиқро матнҳои электронии суханрониҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва тарҷумаҳои онҳо ба забони англисӣ ташкил медиҳанд.

Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, хулоса, рӯйхати адабиёт, замима ва 169 саҳифаи чопӣ иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуъ, навоварии илмӣ ва дараҷаи омӯзиши он асоснок гардида, мақсад ва вазифаҳои диссертатсия, ҳамчунин объекти таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян шудаанд.

Боби якуми кори илмӣ «Шинохт ва пажӯҳиши дискурс дар забоншиносӣ» унвон дошта, аз се зербоб иборат аст. Боби мазкур ба таҳқиқ ва омӯзиши мафҳуми дискурс бахшида шудааст.

Боби дуюм «Хусусиятҳои луғавии дискурси сиёсӣ ва тарҷумаи онҳо аз забони тоҷикӣ ба забони англисӣ» номгузорӣ шудааст. Дар ин боб хусусиятҳои луғавии дискурси сиёсӣ баррасӣ шудааст.

Боби сеюм «Хусусиятҳои дастурии дискурси сиёсӣ ва ҳусни тарҷумаи онҳо тоҷикӣ ба забони англисӣ» ном дорад. Дар он хусусиятҳои дастурии дискурси сиёсӣ ва роҳҳои интиқоли он аз забони тоҷикӣ ба забони англисӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Дар хулосаи диссертатсия маълумотҳо оид ба пажӯҳиши дискурс дар забоншиносӣ пешниҳод шудаанд ва воҳидҳои забоние, ки ба хусусиятҳои лексикӣ ва грамматикӣ дохил мешаванд, мавриди таҳлили сохторӣ ва маъноӣ қарор дода шудаанд. Ҳамзамон, роҳҳои тарҷумаи онҳоро аз забони тоҷикӣ ба забони англисӣ муайян карда шудаанд. Муаллиф фикру ақидаҳои худро дар ҳаҷми 15 банд ҷамъбаст намудааст.

Бовуҷуди ба даст овардани муваффақиятҳои илмӣ дар таълифи диссертатсия мавриди назар, дар автореферати он баъзе норасоиҳо мавҷуданд. Аз ҷумла:

1. Агар аз тарафи муҳаққиқ дар қисмати русии автореферат тарҷумаи ҷумлаҳои мисол овардашуда бо забони русӣ навишта мешуданд, қиммати илмии кор боз ҳам беҳтар мешуд.
2. Дар ҷо-ҷои автореферат хатогиҳои услубӣ, имлоӣ ва техникӣ низ мавҷуданд.

Норасоиҳои мазкур қиммати илмии таҳқиқотро коста намекунанд ва онҳо ислоҳпазир буда, дар коркард ва ба инобат гирифтани фаъолияти минбаъда пешниҳод карда мешаванд.

Автореферати диссертатсияи Иматова Манижа Қудратовна дар мавзуи «Таҳлили хусусиятҳои луғавӣ ва дастурии дискурси сиёсӣ аз нигоҳи тарҷума (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ)» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

**Муқарриз:**
**Доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забон ва адабиёти руси ДДБ ба номи Носири Хусрав** **Юсупова Зарина Розиқовна**

**Имзои д.и.ф. Юсупова З.Р.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори ШК ва КМ ДДБ ба номи Носири Хусрав** **Шукурзод Ҷ. А.**

**Суроға: 735140, вилояти Хатлон,**
**ш. Бохтар, кучаи Айнӣ, 67**
**Тел.: (992) 777177524**
**E-mail: zarina1966@list.ru**
**12.09.2023**